**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/4).**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи илмии Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзӯи “Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, пешниҳод шудааст.**

Дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии даврони соҳибистиқлолии мамлакат ташаккул ва инкишофи бахши давлатии иқтисодиёт ҳамчун унсури таркибии иқтисоди омехта як падидаи нисбатан нав аст. Зарурати инкишофи ин бахш аз кам шудани ҳаҷми як қатор неъматҳои иҷтимоии муҳим бармеояд, ки қаблан онҳо пурра аз ҷониби давлат таъмин мешуданд. Дар айни замон дар шароити дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ҳаҷм ва гуногунии талаботи ҷамъиятӣ ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ васеъ мегардад. Вобаста ба ин мушкилоти маҳдудияти захираҳои буҷетӣ дар ин бахш мушоҳида мешавад, ки зарурати дарёфти Сарчашмаҳо ва ҷалби захираҳои иловагиро тақозо менамояд.

Амалия нишон медиҳад, ки натиҷаҳои фаъолияти бахши давлатӣ, пеш аз ҳама, дар майдони фазоӣ ё ҳудудии истеъмоли онҳо таҷассум меёбанд, яъне сокинони минтақаи алоҳидаи мамлакат ба сифати истеъмолкунандаи неъматҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ баромад мекунанд. Дар ин маврид бояд, зикр намуд, ки мавзӯи интихобнамудаи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна саривақтӣ ва муҳим дониста мешавад.

Аз рӯи автореферат ба назар мерасад, ки муаллиф ҷабҳаҳои зиёд ва масоили вобаста ба бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва самтҳои такмилдиҳии идоракунии онро мавриди омӯзиши амиқ ва дақиқ қарор додааст.

Ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферати Азимова М.М. зиёд ба назар мерасад. Яке аз чунин ҷиҳатҳо ин назари муаллиф оид ба бахши ҷамъиятии иқтисод (одатан бахши давлатии иқтисодиёт ном бурда мешавад) як бахш ё як қисми фазои иқтисодӣ мебошад, ки дар он муносибатҳои бозорӣ амал намекунанд ё қисман амал мекунанд (дар он усули бозории ҳамоҳангсозии фаъолият бартарӣ надорад) ва, пеш аз ҳама, на неъматҳои хусусӣ, балки неъматҳои ҷамъиятӣ истеҳсол, таъмин ва истеъмол карда мешаванд, мебошад (С.11). Назари муаллиф воқеан қобили қабул аст.

Дастоварди дигари муаллиф дар он аст, ки барои муайян намудани ҷойгоҳи вилояти Суғд дар истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва рушди иҷтимоии мамлакат методи фосиларо истифода бурдааст.(С.15)

Дар баробари аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва нуктаҳои муҳим, автореферат аз норасоиҳо низ холӣ нест, ба монандӣ:

1. Хуб мебуд, агар муаллиф диққати асосиро ба асосҳои институтсионалии идракунии бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона месохт.

2. Муаллиф таҷрибаи давлатҳои пешқадамро оид ба масъалаҳои бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор медод, кори илмӣ бурд мекард.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кори илмӣ баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзӯи "Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146.
Тел./Fax.: (992-372) 24 72-07, E-Mail.: rectortau31@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ.- ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Раджабова Н.А.